Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳорчӯбаи танги идеологияи қаблӣ, ки дар ҳамаи бахшҳо аз он берун баромадан мумкин набуд, шикаста шуд ва падидаи худшиносиву руҷӯъ намудан ба масъалаи ҳофизаи таърихӣ ба марҳилаи комилан нав ворид гардид. Аз ин ҷост, ки дар ин давра таваҷҷуҳ намудан ба масоили мазкур ва мавриди тадқиқу пажӯҳиш қарор додани онҳо ба ҳукми анъана даромад ва дар ин замина ҷустуҷӯҳои нави илмӣ роҳандозӣ гардид.

Бозтоби чеҳраҳои таърихӣ, адабӣ ва фарҳангӣ дар адабиёт масъалаи муҳим ба шумор рафта, ҳамчун омили муҳимми пайвандгари гузаштаи таърихӣ бо имрӯзу фардо маҳсуб меёбад. Рӯзгору осори чеҳраҳои барҷастаи таърихӣ, адабӣ ва фарҳангӣ ва офаридани образи онҳо дар наср барои маърифати бадеии таърих, рушду тавсеаи ҳувият, баланд бардоштани худшиносӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ басе муҳим арзёбӣ мешавад. Сотим Улуғзода дар ин миён аз ҷумлаи адибони равшанфикр ва навпардоз буда, хусусиятҳои симоофаринӣ ва бозтоби рӯзгору осори чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти ӯ хеле барҷаста ба мушоҳида мерасад. Аз ин нуқтаи назар, мавзуи кори илмии Ноидорова Мавзуна Акбаршоевна мубрам ва муҳимму зарурӣ буда, таҳқиқи масъалаи чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода бори аввал мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо ҳамин васила паҳлуҳои дигари осор ва ҷойгоҳи Сотим Улуғзода дар адабиёти муосир муайян карда шудааст.

Аз муҳтавои автореферат маълум гардид, ки диссертатсияи аз мукаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади ва вазифаҳои

таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва метадологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор дар доираи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам омадаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «Мақоми Сотим Улуғзода дар адабиёти муосир» масъалаҳои марбут ба нақш ва ҷойгоҳи адиб дар адабиёти муосири тоҷик ва берун аз он мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Принсипи таърихият дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» унвон дошта, аз се фасл фароҳам омада, дар он чеҳраҳои таърихӣ дар повести «Ривояти суғдӣ», таърихияти забон ва фарҳанг дар повести «Ривояти суғдӣ» ва муқоисаи таърихияти забон ва фарҳанг дар «Ривояти суғдӣ», «Фирдавсӣ», «Темурмалик» ва «Восеъ» баррасӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» ном дошта, дар шаш фасли он таҳқиқи масъалаҳои марбут ба бозтоби чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангӣ – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Шивоҷӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ таҳқиқ анҷом дода шудааст.

Диссертант аз баррасии мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ ба хулоса ва натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ расида, онҳоро дар 17 банд манзури хонанда намудааст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки муаллифи барои дар ин шаклу сират омода намудани автореферат заҳматҳои фаровон кашида, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Аммо дар баробари комёбиҳо баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Унвони автореферат ва диссертатсия – «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» номгузорӣ шуда, ба назари мо, ба агар

«Тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» унвонгузорӣ мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.

2. Ҳарчанд кори диссертатсионӣ «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» унвон дошта бошад ҳам, аммо ба ҷуз аз Шивоҷӣ тасвири дигар чеҳраҳои фарҳангӣ ба мушоҳида намерасад.

3. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дар саҳифаҳои 8, 14, 18 ба назар мерасанд.

Автореферати диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» кори анҷомёфта буда, ба талаботи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Номзади илми филология,
Директори Муассисаи давлатии
«Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилооти Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» Аминов А.Ҳ.
03.09.2022.

Суроғa: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.
Тел: (+992) 934-62-63-46.
E-mail: raboni_81@mail.ru

Имзои Аминов Абдулфатоҳро тасдиқ мекунам:
нозири кадри Пажӯҳишгоҳи илмӣ-
тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот Раджабова А.К.

Суроғa: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.
Тел: (+992) 233-58-84; .
E-mail: vfarhang98@gmail.ru
03.09.2022.